**Тақризи**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Минтақаи Тоҷикистони Марказӣ яке аз минтақаҳои асосии зироатпарварӣ ба ҳисоб меравад. Ин минтақа иқлими ба худ хос ва арзу тӯли фарохи он бо миқдори фарққунандаи боришоти атмосферӣ ва ҳарорати мухталиф боиси паҳншавии зироатҳои гуногун гардидааст. Хусусияти дигари хоси минтақа дар он аст, ки дар ин ҷо миқдори зиёди зироатҳо, аз он ҷумла зироатҳои ғаладонагию лӯбиёгӣ, зироатҳои техникию равғандиҳанда ҳамчунин, сабзавоту дарахтони мевадиҳанда парвариш карда мешаванд.

Дар ин вобастагӣ омӯзиш ва таҳияи технологияи мувофиқи парвариши зироатҳои кишоварзӣ, ба хусус зироатҳои давраи нашъунамояшон кӯтоҳ, ба монанди чормағзи заминӣ масъалаи муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Диссертатсияи илмии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

Навгонии илмии кори мазкур дар асоснок намудани технологияи парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ, аз он ҷумла муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо ба маҳсулнокии он дар шароити заминҳои обёришавандаи Тоҷикистони Марказӣ бо мақсади ба даст овардани ҳосили дон, массаи сабз ва равғани истеъмолӣ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, санҷиши истеҳсолӣ, хулоса, тавсия ба истеҳсолот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Он дар ҳаҷми 124 саҳифаи чопи компютерӣ бо риояи талаботи умумӣ тартиб дода шуда, натиҷаи таҳқиқот дар 24 расм, 27 ҷадвал, 16 диаграмма, рӯйхати адабиёт дар 119 номгӯй баён гардидааст.

Дар сарсухан маълумот оид ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, сатҳи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳо ва дигар зерҷузъҳо муфассал баён шудаанд. Омӯзиши унсурҳои алоҳидаи технологияи парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ бори нахуст аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, ки моҳияти илмию амалӣ дорад.

**Боби 1 «Шарҳи таҳлили адабиёт»** ба 4 зербоб ҷудо карда шуда, оид ба тавсифи умумии чормағзи заминӣ, аҳамияти он, хусусиятҳои морфологӣ ва биологӣ, таркиби химиявӣ, қимати ғизоӣ, паҳншавӣ, хусусияти парвариши ин зироат, ҳамчунин, натиҷаи баъзе таҳқиқиқоти илмии олимони мамолики гуногунро дар бораи чормағзи заминӣ дар бар мегирад. Ин боб дар ҳаҷми 28 саҳифа навишта шуда, ҳамчун асоси заминавӣ барои иҷрои таҷрибаҳои амалӣ оид ба парвариши чормағзи заминӣ ба таҷрибаҳои амалии муаллиф алоқаманд мебошад.

**Боби 2**-юми диссертатсия дар бораи «**Шароити хокию иқлимӣ ва методикаи таҳқиқот»** мебошад. Боби дуюм аз 5 зербоб иборат буда, маълумот оид ба шароити хоку иқлим, нақшаи таҷрибаи илмӣ, методҳои тадқиқоти илмӣ ва таҳлилҳои химиявии хок ҷой дода шудааст. Дар қисмати методикаи таҷриба муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳоро ҷойгир намудааст. Ба сифати маводи таҳқиқот навъи «Тоҷикӣ-15» истифода шуда, аз ду таҷрибаи саҳроӣ иборат буда, муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар таҷриба нақшаи таҷрибаи илмии муаллиф мебошад, ки он дар ду муҳлат гузаронида шудааст:

1. 1-уми июн бо миқдори 83, 100, 116, 133, 150, 166 ҳазор растанӣ дар як гектар ё 5, 6, 7, 8, 9, 10 дона тухмӣ дар 1 метри тӯлонӣ.
2. 10-уми июн бо миқдори 83, 100, 116, 133, 150, 166 ҳазор растанӣ дар як гектар ё 5, 6, 7, 8, 9, 10 дона тухмӣ дар 1 метри тӯлонӣ.

Дар боби 2-юми диссертатсия 8 ҷадвалу 9 диаграмма ҷойгир карда шудааст, ки дар онҳо оид ба ҳарорат, боришот, намнокии нисбии ҳаво, нақшаи қитъаи таҷрибавии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ, чорабиниҳои асосии агротехникии парвариши ҷав дар кишти асосӣ ва чорабиниҳои асосии агротехникии парвариши чормағзи заминӣ дар кишти такрорӣ маълумотҳои зарурӣ ҷойгир карда шудаанд.

**Боби 3**-юм дар бораи **«Натиҷаҳои таҳқиқот»** мебошад. Он ба 4 зербоб ҷудо карда шуда, оид ба маҳсулнокӣ ва самараи иқтисодии парвариши ҷав дар кишти тирамоҳӣ, таъсири муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо ба сабзиш, инкишоф ва ташаккулёбии чормағзи заминӣ, ҳосилнокии анбуҳи сабз ва бедаи чормағзи заминӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо, нишондодҳои фаъолияти фотосинтетикии чормағзи заминӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо маълумоти муҳим ҷойгир карда шудааст. Дар ин боб муаллиф 15 ҷадвалу 7 диаграммаро ҷойгир намудааст. Дар ҷадвалҳои ҷойдодашуда оид ба ҳосилнокии дони ҷави тирамоҳӣ, самараи иқтисодии парвариши ҷави тирамоҳӣ, мушоҳидаҳои фенологии чормағзи заминӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо, давомнокии давраҳои нашъунамои чормағзи заминӣ, таъсири мухлати кишт ба баландии қади растанӣ, сохтори таркиби ҳосил вобаста ба муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо маълумоти зарурӣ мавҷуд аст. Дар расмҳо бошад оид ба ҳосилнокии чормағзи

заминӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар ҳар як соли таҳқиқот дар алоҳидагӣ маълумоти муҳим ҷойгир карда шудааст.

Боби 4-ум дар бораи **«Самараи иқтисодии парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ** мебошад. Дар ин боб муаллиф дар бораи маҳсулнокии чормағзи заминӣ вобаста ба муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар кишти ангориро ҷойгир намудааст. Дар ин қисмати диссертатсия 4 ҷадвал ҷойгир буда, дар онҳо самаранокии иқтисодии парвариши чормагзи заминӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар кишти ангорӣ оварда шудааст. Муаллиф нишон додааст, ки дар муҳлати 1-уми июн бо миқдори 116 ҳазор ниҳол дар майдони як гектар фоидаи соф бештар шуда, ба 13529 сомонӣ ва манфиатнокӣ ба 197% баробар мегардад.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ дар шароити Тоҷикистони Марказӣ муайян карда шудааст, ки ҳосилнокии дони чормағзи заминӣ аз ҳама бештар ҳангоми муҳлати кишти 1-уми июн ва зичии қарордошти ниҳолҳо то 116 ҳазор ба 32,9 с/га ба даст оварда шудааст. Дар ин вобастагӣ арзиши аслии ҳосил дар вариантҳои номбаршуда паст буда, даромаднокӣ мутаносибан назар ба дигар вариантҳои таҷриба бештар мебошад.

Нуқтаи муҳиммеро, ки мехоҳам зикр намоям, бо забони соддаю фаҳмо ва оммафаҳм навишта шудани диссертатсия мебошад, ки ҳар як мутолиакунанда онро ба осонӣ мефаҳмад.

Бо вуҷуди моҳияти илмию амалӣ ва навгонию таҳқиқоти муҳим дар диссертатсия якчанд камбудию норасогиҳо ба назар мерасанд, ки инҳоянд:

1. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ (масалан, дар саҳифаи 7 ба ҷойи навиштани калимаи «мудаввар» калимаи нодурусти муддавар, дар саҳифаи 8 ба ҷойи калимаи тағйирёбӣ, калимаи нодурусти тайғирёбӣ, дар саҳифаи 41 ба ҷойи калимаи «алалхусус» калимаи нодурусти алалхусул ва ғайра) ва риоя нагардидани мавқеи аломати вергул ба чашм мерасанд.
2. Дар боби 2-юми диссертатсия иқлими минтақаи таҳқиқотӣ оварда шуда, дар он ҷадвал ва диаграммаҳои мазмунан якхела тасвир карда шудааст, ки истифодаи яке аз онҳо кифоя буд. Ҳамчунин, дар ҳамин боб, дар саҳифаи 46 ҷадвали 2.2.3. Намнокии муътадили ҳаво бо фоиз дар солҳои таҳқиқот оварда шудааст, хуб мешуд, ки ба ҷойи намнокии муътадили ҳаво намнокии нисбии ҳаво навишта мешуд.
3. Боби 3-юм – натиҷаи таҳқиқот, зербоби 3.1. Маҳсулнокӣ ва самаранокии иқтисодии парвариши ҷав дар кишти тирамоҳӣ оварда шуда, қариб 3 саҳифаро дар бар мегирад, аммо дар усул ва вариантҳои таҷриба нишон дода нашудааст. Дар ҷадвали 3.1.2. самаранокии иқтисодии парвариши ҷави тирамоҳӣ оварда шуда, дар он нишондодҳои

«нархи маҳсулот», «хароҷоти бевосита» оварда шудааст, лекин дар кадом асос онҳо ҳисоб карда шудаанд, дар матн бояд нишон дода мешуд.

4. Мафҳуми «гулбандӣ» дар мушоҳидаи фенологии чормағзи заминӣ нофаҳмо аст. Одатан, ғунчабандӣ, гулкунӣ ва давомнокии давраи гулкунӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

5. Фарқият дар ҳосилнокӣ дар шароити заминҳои обӣ вобаста ба муҳлати кишт хеле калон аст, масалан дар муҳлати кишти 1-уми июн ҳосилнокии миёнаи ғилофак 32,9 с/га ва ҳосилнокии дон 20,4 с/га ва дар санаи 10-уми июн бошад, ҳосилнокии ғилофак ба ҳисоби миёнаи 24,1 с/га ва ҳосилнокии дон 15,0 с/га-ро ташкил медиҳад. Камшавии ҳосилнокии ғилофак 8,8 с/га ва камшавии дон 5,4 с/га-ро дар бар мегирад. Сабаби камшавии онро пас аз 10 рӯзи кишт асоснок кардан лозим аст.

Натиҷаи ниҳоии таҳлили диссертатсия ба он водор менамояд, ки мавзуи интихобгардида ва мақсаду вазифаҳои гузоштаршуда моҳияти илмию амалӣ ва иқтисодиро доранд.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба он мувофиқат намуда, ороишоти он мувофиқи талабот иҷро гардидааст.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ комилан ҷавобгӯ аст. Камбудию норасогиҳои баёншуда моҳияти илмию амалии кори анҷомдодашударо коста намегардонанд. Аз ин рӯ муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
мудири кафедраи агроэкология, механиконӣ
ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи
давлатии Данғара, номзади илмҳои кишоварзӣ
аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ,
растанипарварӣ, дотсент Музафарзода Даврон Маҳмадшариф

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. E-mail: **muzafarov.davron@mail.ru**,
Тел.: (+992) 907-77-76-02; (+992) 918-28-54-94.

Имзои Музафарзода Д.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҷабборӣ Н.Ҷ.